Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълими 7)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи доктории Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи "Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Вобаста ба гузариши корхонаву ташкилотҳои ватанӣ ба Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва равандҳои ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ масъалаҳои ҳалталабе мавҷуданд, ки ба равандҳои ҳамгирой таъсири манфӣ мерасонанд. Бинобар ин, ҳалли масъалаҳои ба ин самт марбут аз муҳаққиқони ватанӣ тақозо менамояд, ки оид ба камбудиву норасоиҳои мавҷуда таҳқиқотҳои илмӣ гузаронда, барои такмили низоми баҳисобгирии ватанӣ пешниҳодҳои мушаххас намоянд.

Аз ин нуқтаи назар, диссертатсияи унвонҷӯ Қодирова Г.Т., ки ба таҳқиқи таҳаввулоти рушди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, муайян намудани самтҳои ислоҳоти он ва таъсири равандҳои ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявии корхонаҳои ватанӣ бахшида шудааст, дар шароити муосир масъалаи мубрам маҳсуб меёбад.

Ба навгониҳои илмии диссертатсияи унвонҷӯ чунин нуқтаҳоро қайд намудан мумкмн аст:

- тавсияҳои методӣ вобаста ба ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ бо мақсади таъмини самаранокии баҳисобгирии идоракунӣ ва андозӣ ва коркарди нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ самаранокии низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибиро дар шароити густариши ҳамгироии иқтисодӣ таъмин карда метавонад;

- ҷудо намудани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ба – баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва андоз, зарурати воқеии такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва мутобиқати он ба талаботҳои

иқтисоди муосир дар шароити афзоиши нақши фановариҳои иттилоотиро таъмин менамояд;

- пешниҳоди дурнамои сертификатсияи муҳосибони дар амал фаъолияткунанда, дар асоси барномаҳои сертификатсияи байналмилалии муҳосибони касбӣ, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ истифода мешаванд, ҳамчун самти асосии такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

Натиҷаҳои назариявии диссертатсия имконияти иҷрои таҳқиқоти илмиро дар самти ташаккул ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ ва татбиқи СБҲМ фароҳам оварда, ҳамчун саҳми муҳим дар ташаккул ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ва татбиқи СБҲМ дар корхонаҳои ватанӣ муаррифӣ шудаанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар истифодаи муқаррарот ва тавсияҳои аз натиҷаи он пешниҳодгардида аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маъмурияти корхонаҳои тиҷоратӣ барои татбиқ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ ифода меёбад. Татбиқи амалии муқаррароти таҳиягардида имкон медиҳад, ки самаранокии низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ ва татбиқи СБҲМ баланд бардошта шавад.

Рисолаи доктории тақризшаванда дар баробари аҳамияти илмӣ ва амалӣ доштан, инчунин дорои як қатор камбудиҳо мебошад, ки ба назари мо характери тавсиявӣ дорад. Аз ҷумла:

1. Аз натиҷаи таҳқиқот муайян намудан душвор аст, ки ҳиссаи корхонаҳои ватании ба талаботҳои СБҲМ пурра фаъолияткунанда аз миқдори умумии корхонаҳои амалкунанда дар кадом сатҳ қарор дорад.

2. Гарчанде дар доираи ҷорӣ намудани СБҲМ сертификатсияи ҳатмии муҳосибони дар амалия фаъолияткунанда ва додани шаҳодатномаи муҳосиби касбӣ пешбинӣ шудааст, инислоҳот чи гуна аамалӣ карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки норасоиҳои зикршуда сифати таҳқиқоти анҷомдодашударо коҳиш намедиҳад.

Хулоса кардан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия»,

кори илмии анҷомдодашуда арзёбӣ гардида, ба талаботҳои бандҳои шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мутобиқат карда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

**Муқарриз:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент**
**Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара** **Хайрзода Ш.Қ.**

**(Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.Данғара, к. Маркази 25. Тел: 987-34-60-00; E-mail.shukrulloh-kh-83@list.ru )**

Имзои д.и.и., дотсент Хайрзода Ш.Қ.-ро тасдиқ менамоям:

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии Данғара** **Тоҳирзода С.З.**